## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2026.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода ба яке аз масъалаҳои муҳимму мубрами илми таърихи муосири тоҷик таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991–2016 бахшида шудааст. Мавзуи интихобгардида аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии худ муҳим буда, ба омӯзиши яке аз давраҳои муҳими таърихи навини Тоҷикистон равона гардидааст.

Мубрамии мавзуъ, пеш аз ҳама, бо он муайян мегардад, ки давраи соҳибистиқлолӣ дар таърихи Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави рушди давлатдорӣ ва ҷомеаи кишвар ба ҳисоб рафта, дар ин давра дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ – иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳанг, маориф, илм ва ҳаёти маънавӣ дигаргуниҳои назаррас ба амал омадаанд. Ин равандҳо дар адабиёти илмӣ ба таври васеъ инъикос ёфта бошанд ҳам, таҳлили маҷмуии таърихнигории онҳо ҳамчун масъалаи мустақили илмӣ аҳаммияти махсус дорад.

Муаллиф масъалаи мазкурро ба таври мукаммал мавриди таҳлил қарор дода, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро муайян намудааст. Ҷиҳати муҳими таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф осори илмиро на танҳо аз нуқтаи назари мазмуни онҳо, балки аз ҷиҳати равишҳои илмӣ, сатҳи таҳқиқ, хусусияти методологӣ ва аҳаммияти илмии натиҷаҳои бадастомада арзёбӣ менамояд.

Таҳқиқи таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол имкон медиҳад, ки дараҷаи омӯзиши масъалаҳои муҳимми таърихи навини кишвар муайян карда шуда, равандҳои ташаккули афкори таърихӣ ва рушди самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ равшан гарданд.

Чуноне ки аз сохтор ва муҳтавои автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, 3 боб ва 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Пайдарҳамии масъалаҳои

баррасишуда имкон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати таърихнигорӣ ба таври мантиқӣ ва ҳамаҷониба таҳлил карда шавад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ истифода намуда, маводи заруриро аз осори таърихшиносон, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маҷмуаҳои ҳуҷҷатӣ ва дигар маводи марбут ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба гардиши илмӣ ворид кардааст. Ин заминаи сарчашмавӣ барои ба таври объективӣ муайян намудани дараҷаи омӯзиши масъала ва арзёбии таърихнигории он мусоидат намудааст.

Яке аз бартариҳои муҳими таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар робитаи мутақобила мавриди омӯзиш қарор додааст. Чунин муносибати комплексӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии рушди таърихнигории давраи соҳибистиқлолӣ ва робитаи байни равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар осори илмӣ равшантар дарк карда шаванд.

Диссертант дар таҳқиқоти худ аз усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, хронологӣ, системавӣ, таҳлилӣ ва таърихнигорӣ самаранок истифода бурдааст. Истифодаи маҷмуи усулҳои мазкур ба муаллиф имконият додааст, ки осори илмиро бо риояи принсипҳои объективият ва таърихият мавриди таҳлил қарор диҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991–2016 ҳамчун масъалаи мустақили илмӣ ба таври маҷмуӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии рушди таърихнигорӣ, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва хусусиятҳои инъикоси масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар адабиёти таърихӣ муайян намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ мебошанд. Онҳо метавонанд барои такмили таърихнигории миллӣ, таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи методологияи таҳқиқоти таърихнигорӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас мебошад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми таҳияи асарҳои илмӣ оид ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, инчунин ҳангоми таълими фанҳои «Таърихнигорӣ», «Таърихи навини Тоҷикистон» ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода гарданд.

Маводи таҳқиқот инчунин барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол машғул мебошанд, дорои аҳаммияти илмӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода бо сохтори мантиқӣ, сатҳи баланди таҳлилӣ, асоснокии мавзуъ, муҳиммияти натиҷаҳо ва аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо фарқ мекунад. Муҳтавои автореферат натиҷаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад.

Бо дарназардошти мазмун ва сатҳи илмии таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2016)» таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва дорои арзиши баланди илмӣ буда, ба талаботи пешбининамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонӣ илмӣ», ки бо қарорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5– Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т., дотсент, декани факултети
дипломатия ва сиёсати Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадзода У.Д.

**Имзои Маҳмадзода У.Д.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

02.08.2026

**Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33.
Телефон: 907-42-95-24 E-mail: ubaidullo.88@mail.ru